ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои мубрами педагогикаи томактабӣ ба ҳисоб меравад. Тағйироти куллии ҷомеаи тоҷик, фаъол гардидани раванди ҳамгироии байналмилалӣ ва диверсификатсияи низоми маориф аз муассисаҳои томактабӣ коркарди равишҳои нависи ташаккули иҷтимоии кӯдаконро тақозо менамояд. Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2021–2030 ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ҳамчун шарти асосии омодасозии онҳо ба таҳсилот аҳамияти хосса медиҳанд. Дар ин замина мавзуи интихобнамудаи довталаб пурра асоснок ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар амалияи муассисаҳои таълимии томактабии кишвар таваҷҷуҳи кофӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон - фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, қобилияти ҳамкорӣ ва муошират - дода намешавад ва механизмҳои ҳамкории самараноки МТТ ва оила дар ин самт ба таври кофӣ коркард нагардидаанд. Ин ихтилофот заминаи асосии проблемаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат мекунад. Дар кор муаллиф шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро ба таври ҳамаҷониба баррасӣ намуда, амсилаи сохторӣ-

муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити МТТ ва оила пешниҳод кардааст. Хулосаҳои назариявӣ бо маводи озмоиши педагогии дар муассисаҳои таълимии томактабии шаҳри Душанбе гузаронидашуда мустаҳкам гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни кор аз муайян намудани вазифаҳои таҳқиқ, коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, таҳияи барномаи дастгирии педагогии падару модар, гузаронидани озмоиши педагогӣ ва таҳлилу коркарди натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ҷой доранд:

1. Хуб мешуд, ки дар автореферат таҷрибаи байналмилалии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ бештар инъикос меёфт.

2. Дар автореферат баъзе норасогиҳои хусусияти техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои қайдшуда хусусияти ҷузъӣ дошта, сифати илмии автореферати мазкурро коста намегардонанд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим таҳқиқоти муҳими илмӣ ба шумор рафта, аз рӯйи мубрамии мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақили илмии комил ба ҳисоб рафта, масъалаи муҳими педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро ба таври ҳамаҷониба ва амиқ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар кори худ на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо равшан намудааст, балки роҳҳои амалии ҳалли онро тавассути коркарди шароитҳои педагогии мушаххас, амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи дастгирии педагогии падару

модар пешниҳод кардааст. Ин ҳама далели он аст, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертантро дар соҳаҳои зерин мавриди истифода қарор додан мумкин аст: дар амалияи муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташкил ва такмили кори тарбиявӣ бо кӯдакон; дар тайёр намудани барномаҳо ва дастурамалҳои методии мураббиёни МТТ; дар ташкили кори методии кафедраҳои педагогикаи томактабии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ; дар таҳияи курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои касбии омӯзгорону мураббиён; инчунин дар корҳои илмии минбаъда оид ба масъалаҳои иҷтимоишавии кӯдакон ва педагогикаи томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулоса, диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим саҳми арзишманде ба рушди педагогикаи томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент, ноиби ректор оид ба тарбияи
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Аҳмадзода Зулфия Кабир**

12.10.2025

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насурдинзода А.Н.**

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, www.apa.tj.